**ФИЛИАЛИ БОНКИ «ТИҶОРАТ» - И ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИ ЭРОН ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ**

ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ, КИ МУТОБИҚИ СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ (СБХМ) БАРОИ СОЛИ ҲИСОБОТИИ ДАР САНАИ 31-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2014 ХОТИМАЁФТА ТАҲИЯ ГАРДИДААСТ.

**Душанбе-2015**

**МУНДАРИҶА**

ТАЪКИДИ РОҲБАРИЯТ ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТИ ТАҲИЯ ВА ТАСДИҚИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ ........ 3

ҲИСОБОТИ АУДИТОРҲОИ МУСТАҚИЛ ........ 4

ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ МАҶМӮИ ДАРОМАДҲО ........ 5

ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ВАЗЪИЯТИ МОЛИЯВӢ ........ 6

ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ТАҒЙИРОТҲО ДАР САРМОЯИ ХУДӢ ........ 7

ЭЗОҲОТ БА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ ........ 8

## ТАЪКИДИ РОҲБАРИЯТ ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТИ ТАҲИЯ ВА ТАСДИҚИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛИ ҲИСОБОТИИ ДАР САНАИ 31-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2014 ХОТИМАЁФТА

Таъкиди зерин бояд бо зикри ӯҳдадориҳои аудиторҳо, ки дар саҳифаи 4–и ҳисоботи аудиторҳои мустақил оварда шудааст, чун ҳудудгузорӣ ё фарқияти байни масъулияти аудиторҳо ва роҳбарият дар бобати ҳисоботи молиявии Филиали бонки «Тиҷорат» - и Ҷумҳурии Исломи Эрон дар шаҳри Душанбе (минбаъд, Бонк зикр мешавад) ҳисобида шавад.

Роҳбарияти Бонк барои таҳияи ҳисоботи молиявӣ, ки эътимоднокии тамоми ҷанбаҳои вазъияти молиявӣ, натиҷаи фаъолият, гардиши маблағ ва тағйирот дар сармояи Бонк тайи соли хисоботии дар санаи 31-уми декабри соли 2014 хотимаёфтаро мутобиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд чун СБҲМ зикр мегардад) инъикос менамояд, масъул мебошад.

Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ роҳбарият масъулияти амалҳои зеринро бар ӯҳда доранд:

- Интихоби усулҳои муносиби баҳисобгирии муҳосибавӣ ва истифодаи мунтазами онҳо;
- Риоя кардани талаботи СБҲМ ва шарҳ додани тамоми ҳолатҳои берунравӣ аз меъёрҳои СБҲМ дар эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ;
- Таҳия намудани ҳисоботи молиявӣ бо назардошти ин эҳтимолият, ки Бонк дар оянда фаъолияти худро идома хоҳад дод, ба истиснои мавридҳое, ки чунин эҳтимолияти ғайриқонунӣ бошад.

Роҳбарият ҳамчунон барои амалҳои зерин масъул аст:

- Тарҳрезӣ, амалисозӣ ва таъмини фаъолияти самарабахш ва боэътимоди низоми назорати дохилии Бонк;
- Дастгирӣ ва ҳифзи ҳисобдорӣ, ки имконият медиҳад дар ҳар лаҳза ба таври дақиқ маълумот дар бораи вазъияти молиявии Бонк омода шавад ва мутобиқати ҳисоботи молиявӣ бо талаботхои СБҲМ таъмин карда шавад;
- Ба роҳ мондани ҳисобдорӣ мутобиқи қонунгузорӣ ва стандартҳои ҳисобдории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Дар чорчӯбаи салоҳияти худ андешидани чораҳо барои ҳифзи дороиҳои Бонк;
- Ошкор ва ҷилавгирӣ намудани ҳодисаҳои қаллобӣ, иштибоҳ ва дигар сӯиистифодаҳо.

Ҳисоботи молиявии мазкур барои соли ҳисоботии дар санаи 31-уми декабри соли 2014 анҷомёфта аз тарафи Роҳбарияти Бонк 12 январи соли 2015 тасдиқ гардидааст.

**Аз номи Роҳбарияти Бонк:**

**Раис**

сана 31.03.2015

сана

# ҲИСОБОТИ АУДИТОРҲОИ МУСТАҚИЛ БА ҲАЙАТИ МУДИРА ВА РОҲБАРИЯТИ ФИЛИАЛИ БОНКИ «ТИҶОРАТ» - И ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИ ЭРОН ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

## Натиҷаи ҳисоботи молиявӣ

Аудити ҳисоботи молиявии пешниҳодшудаи Филиали бонки «Тиҷорат»-и Ҷумҳурии Исломи Эрон дар шаҳри Душанбе-ро, ки ҳисобот дар бораи вазъияти молиявӣ ба санаи 31-уми декабри соли 2014 ва ҳисобот дар бораи маҷмӯи даромад, ҳисобот оиди гардиши маблағҳои пулӣ ва ҳисобот оиди тағйирот дар сармояи оинномавӣ дар зарфи соли ҳисоботии дар санаи 31-уми декабри соли 2014 анҷомёфта, ҳамчунин баёноти мухтасари усулҳои асосии сиёсати ҳисобдорӣ ва дигар эзоҳотро дар бар мегирад, аз ҷониби ҶДММ «Аудитори Ш. Адолат» анҷом дода шуд.

## Масъулияти роҳбарият барои таҳияи ҳисоботи молиявӣ

Масъулият барои таҳия ва эътимоднокии ҳисоботи пешниҳодшуда ба ӯҳдаи роҳбарияти Филиали бонки «Тиҷорат»-и Ҷумҳурии Исломи Эрон дар шаҳри Душанбе -мебошад. Ин масъулият созмондиҳӣ ва ҳифзи низоми назорати дохилиро барои таҳия, бароҳмони ва эътимоднокии ҳисоботи молиявие, ки аз тафовутҳо ва иштибоҳҳои назаррас фориғанд, дар бар мегирад. Роҳбарияти Бонк ҳамчунин барои интихоб ва роҳандозии сиёсати муносиби баҳисобгирӣ ва арзёбии асоснокшудаи ҳисобдорӣ масъулият дорад.

## Масъулияти аудитор

Вазифаи мо иборат аз баён кардани фикру мулоҳиза дар бораи эътимоднокӣ ва дурустии ҳисоботи молиявии мазкур дар асоси аудити анҷомдодаи мо мебошад. Стандартҳои аудит аз мо талаб менамоянд, ки меъёрҳои ахлоқиро риоя намоем, ҳамчунин барномарезӣ ва аудитро тавре анҷом диҳем, то ин ки боварии кофӣ ба даст ояд, ки дар ҳисоботи молиявӣ таҳриф ва маънидоди иштибоҳи назаррас ҷой надорад.

Аудит аз тартиботу муқаррароти зарурӣ барои дарёфти ҳисоботи аудиторӣ дар бобати нишондиҳандаҳои ададӣ ва эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ иборат мебошад. Интихоби тартиботи муносиб ба малакаю мулоҳизаи касбии аудитор асос ёфта, аз он ҷумла арзёбии эҳтимоли таҳрифи ҷиддии ҳисоботи молиявӣ ба сабаби сӯиистифодаи молиявӣ ва иштибоҳот низ дар назар гирифта мешавад. Арзёбии чунин эҳтимолият ё хавф баррасии низоми назорати дохилӣ ба таҳия ва эътимоднокии ҳисоботи молиявӣ ба мақсади тарҳрезии тартиботи аудитории истифодашуда дар ин ҳолатро дар назар дорад, аммо он на ба мақсади баён кардани фикру мулоҳизаи худ дар бораи самаранокии низоми назорати дохилӣ анҷом мегирад. Аудит ҳамчунин тадқиқи усули ҳисобдорӣ ва аҳамияти баҳогузории роҳбарият ва арзёбии тасаввуроти умумӣ дар бораи ҳисоботи молиявиро низ дар бар мегирад.

Аудитор чунин мешуморад, ки аудити анҷомдода барои ифодаи фикру мулоҳизаҳои мо асоси кофиро дорад.

## Ақидаи аудитор

Ба ақидаи мо, ҳисоботи молиявӣ вазъияти воқеӣ ва дурусти молиявии Бонкро ба ҳолати 31-уми декабри соли 2014 инъикос менамояд. Дар давоми соли ҳисоботӣ даромади Бонк ба маблағи 45 886 806 сомонӣ баробар буда, хароҷоти он ба маблағи 42 117 851 сомонӣ баробар аст ва фоидаи софи он бошад, ба маблағи 3 768 955 сомонӣ баробар мебошад. Ҳисобот ҳамчунин натиҷаҳои фаъолияти молиявию хоҷагидории Бонк ва гардиши маблағ дар давраи зикршударо мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар бар мегирад.

**Роҳбари ҶДММ "Аудитори Ш. Адолат"**
**Хомушов Д. А.**
**Нишонӣ:** 735400, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 113/2.
тел. (99291) 93 505 02 63; 221 87 14,
**Нишонии электронӣ:** *audit1994@mail.ru*

20-уми марти соли 2015

## ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ МАҶМӮИ ДАРОМАД ВА ХАРОҶОТ

Ба ҳолати 31-уми декабри соли 2014

| | Эзоҳ | соли 2013 | соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизӣ ва дисконтӣ | 4.1 | 2 433 116 | 2 670 273 |
| Хароҷоти фоизӣ | 4.1 | 0 | 0 |
| **Даромади холиси фоизӣ** | | **2 433 116** | 2 670 273 |
| Даромад аз комиссия ва хизматрасонӣ | 4.1 | 7 074 076 | 2 896 734 |
| Хароҷоти комиссионӣ ва хизматрасонӣ | 4.1 | (35 382) | (27 124) |
| **Даромади холис аз комиссия ва хизматрасонӣ** | | **7 038 694** | **2 869 610** |
| Даромади аз амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 4.1 | 30 331 665 | 40 319 799 |
| Хароҷот аз амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | | (29 476 149) | (38 223 041) |
| ***Даромади холис аз амалиётҳо бо асъори хориҷӣ*** | | *855 516* | *2 096 758* |
| Дигар даромадҳои амалиётӣ | 4.1 | 35 617 | -15 645 |
| ***Натиҷаи холис*** | | *35 617* | ***-15 625*** |
| Ҳамаги даромадҳо тарҳи хароҷотҳои фоизӣ | | 7 929 827 | 7 621 062 |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 4.1 | (1 665 179) | (1 690740) |
| **Фоидаи пеш аз пардохти андоз** | | **8 697 764** | **5 930 322** |
| Хароҷоти андоз аз фоида | 4.2 | (3 166 392) | (2 161 367) |
| **Фоидаи соф дар давра** | | **5 531 372** | **3 768 955** |

**Аз номи Роҳбарияти Бонк:**

Раис
31.03.2015
сана

Сармуҳосиб
31.03.2015
сана

# ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ВАЗЪИЯТИ МОЛИЯВӢ

Ба ҳолати 31-уми декабри соли 2014

| | Эзоҳ | 31 декабри соли 2013 | 31 декабри соли 2014 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Нақди хазина | 5.1 | 1 373 598 | 2 144 657 |
| Бақия дар суратҳисобҳои дар Бонки миллии Тоҷикистон буда | 5.2 | 4 702 042 | 10 773 108 |
| Маблағгузорӣ дар дигар бонкҳо | 5.3 | 71 784 095 | 77 965 280 |
| Қарзҳо ба мизоҷон, холис | 5.4 | 3 170 943 | 5 671 799 |
| Амвол ва таҷҳизот | 5.5 | 1 201 818 | 1 102 484 |
| Фоизҳо барои гирифтан | 5.6 | 0 | 0 |
| Дигар дороиҳо | 5.7 | 3 188 | 15 767 |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | | **82 235 684** | **97 673 095** |
| **ӮҲДАДОРӢ** | | | |
| Амонатҳои дигар | 5.8 | 230 935 | 260 760 |
| Амонатҳои муштариён | 5.9 | 3 934 599 | 4 139 242 |
| Барои пардохт ба бонкҳои берун аз ЧТ | | 30 391 016 | 42 555 236 |
| Ӯҳдадориҳои ҷорӣ аз андоз | | 730 235 | 0 |
| Ӯҳдадориҳои дигар | 5.10 | 0 | 0 |
| **Ҳамагӣ ӯҳдадориҳо** | | **35 286 785** | **46 955 238** |
| **САРМОЯ** | | | |
| Сармояи оинномавӣ | 5.11 | 16 409 725 | 16 409 725 |
| Фоидаи тақсимнашудаи солҳои гузашта | 5.12 | 30 425 744 | 34 144 702 |
| Захираҳо | 5.13 | 113 430 | 163 430 |
| Фоидаи тақсимнашудаи соли ҷорӣ | 5.14 | 0 | 0 |
| **Ҷамъи сармоя:** | | **46 948 899** | **50 717 857** |
| **Ҳамагӣ сармоя ва ӯҳдадориҳо:** | | **82 235 684** | **97 673 095** |

**Аз номи Роҳбарияти Бонк:**

**Раис** 31.03.2015 сана

**Сармуҳосиб** 31.03.2015 сана

(бо сомонӣ)

## ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ТАҒЙИРОТҲО ДАР САРМОЯИ ХУДӢ

Ба ҳолати 31-уми декабри соли 2014

| | Сармояи оинномавӣ | Захираи азнавба-ҳодихӣ | Захира аз ҳисоби фоида | Фоидаи тақсимнашуда | Ҳамагӣ сармоя |
|---|---|---|---|---|---|
| **Бақия ба 1-уми январи соли 2013** | **16 409 725** | **13 430** | **100 000** | **24 894 372** | **41 4 17 527** |
| Барориши саҳмия | 0,00 | | | | 0 |
| Тақсими фоида | | | | 5 531 372 | 5 531 372 |
| Маҷмӯи даромадҳо дар соли 2013 | | | | 0,00 | 0,00 |
| Камшавӣ дар сармояи изофа | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 |
| **Бақия ба 31-декабри соли 2013** | **16 409 725** | **13 430** | **100 000** | **30 425 744** | **46 948 899** |
| Афзоиши сармояи оинномавӣ-2014 | 0,00 | | | | 0 |
| Тақсими фоида | | | | 3 768 955 | 3 768 955 |
| Зиёдшавӣ дар захираҳо | | | 50 000 | | 50 000 |
| Маҷмӯи даромадҳо дар соли 2014 | | | | 0 | 0 |
| **Бақия ба 31-декабри соли 2014** | **16 409 725** | **13 430** | **150 000** | 34 144 702 | **50 717 857** |

**Аз номи Роҳбарияти Бонк:**

**Раис** — сана 31.03.2015

**Сармуҳосиб** — сана 31.03.2015

# ЭЗОҲОТ БА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

## ЭЗОҲИ 1. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ

### Самтҳои асосии фаъолият

**1.1. Оиди бақайдгирӣ, шакли ташкилӣ ва ҳуқуқӣ**

Қайди давлатӣ: Филиали бонки «Тиҷорат»-и Ҷумҳурии Исломи Эрон дар шаҳри Душанбе дар Феҳристи ягонаи давлатии бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, фаъолияти худро мувофиқи Низомнома ба роҳ мондааст.

**Мавқеи ҷойгиршавии бонк:** шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 88 мебошад.

Филиали бонки «Тиҷорат»-и Ҷумҳурии Исломи Эрон дар шаҳри Душанбе дар асоси иҷозатномаҳои Бонки миллии Тоҷикистон барои иҷрои амалиётҳои бонкӣ бо асъори миллӣ аз 10 августи соли 1995 (берақам) ва барои иҷрои амалиётҳои бонкӣ бо асъори хориҷӣ таҳти рақами 38027-22 аз 13 майи соли 2003 фаъолият менамояд.

Самти асосии фаъолияти Бонкро ҷалби маблағҳои ашхоси ҳуқуқӣ, додани қарзҳо, амалӣ намудани пардохтҳо чӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чӣ дар хориҷа, гузаронидани амалиётҳои табдили асъорӣ, ҳамчунин анҷом додани дигар шаклҳои хизматрасонии бонкӣ ба муштариёни ҳуқуқӣ ташкил медиҳад.

Бонк фаъолияти худро дар асоси Низомномаи худ, ҳамчунин мутобиқи Қонунҳои амалкунандаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёриву ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад.

**<u>МАҚОМИ НАЗОРАТИИ</u> ФИЛИАЛИ БОНКИ «ТИҶОРАТ»-И ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИ ЭРОН ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ БОНКИ «ТИҶОРАТ»-И ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИ ЭРОН ДАР ШАҲРИ ТЕҲРОН мебошад.**

**Роҳбарияти Бонк:**

1. Раис — Амир Корӣ
2. Муовини раис — Муҳаммад Содиқӣ
3. Сармуҳосиб Идораи ҳисобдорӣ — Азизмуродов Ш. Х.
4. И.в. Сардори Идораи қарздиҳӣ — Калемуллоев И. В.

Сармояи оинномавии Филиали бонки «Тиҷорат»-и Ҷумҳурии Исломи Эрон дар шаҳри Душанбе ба таври зерин тақсим шудаанд:

| № | Ҳисса | Эълоншуда % | Пардохташуда % |
|---|---|---|---|
| | Бонки «Тиҷорат»-и Ҷумҳурии Исломи Эрон дар шаҳри Теҳрон | 100,00% | 100,00% |
| | **Ҳамагӣ:** | **100,00** | 100% |

**Шумораи шӯъбаҳо ва нуқтаҳои ваколатдор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

<u>Надорад.</u>

Шумораи кормандони бонк тибқи Ҷадвали штатҳо дар санаи ҳисоботи 11 нафар кормандро ташкил медиҳад.

## ЭЗОҲИ 2. АСОСҲОИ ТАҲИЯИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

Асосро барои таҳияи ҳисоботи молиявии Бонк стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ташкил медиҳанд.

Ҳангоми тартиб додани ҳисоботи молиявӣ эҳтимолияти асосӣ усули (методи) ҳисобкунӣ ва усули фаъолияти муттасили Бонк мебошад.

Усули ҳисобкуни пешбинӣ менамояд, ки таъсири амалиёт ва дигар рӯйдодҳо ба ҳисоботи молиявӣ дар лаҳзаи рӯй додани онҳо ба инобат гирифта мешавад, на ҳангоми дарёфти воқеии маблағ ё пардохти он дар давраҳои дахлдори ҳисоботӣ.

Усули муттасилӣ дар назар дорад, ки Бонк дарояндаи наздик ният ва зарурат ба барҳамдиҳӣ ва ё коҳиши ҷиддии фаъолияти худро надорад.

**2.1 Таркиби ҳисоботи молиявӣ**

Таркиби ҳисоботи молиявии Бонк ҳисоботҳои зерини молиявиро дар бар мегирад:

- Ҳисобот дар бораи вазъияти молиявӣ;
- Ҳисобот дар бораи маҷмӯи даромадҳо;
- Ҳисобот дар бораи тағйиротҳо дар сармояи худӣ;
- Эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ.

Давраи ҳисоботии Бонк сол мебошад. Моддаҳои назарраси ҳисоботи молиявӣ муайян карда шуда, ба таври алоҳида муаррафӣ гардидаанд, вале моддаҳои ғайриназаррас гурӯҳбандӣ шудаанд.

**2.2 Асъори ҳисобот**

Бонк ба сифати асъорӣ амалкунанда ва асъорӣ муаррификунандаи ҳисоботи молиявӣ асъорӣ миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон – **сомониро** истифода мебарад.

**2.3 Фазои амалиётӣ**

Фазои амалиётӣ, ки дар он фаъолияти Филиали бонки «Тиҷорат»-и Ҷумҳурии Исломии Эрон дар шаҳри Душанбе сурат мегирад, бо шароити иҷтимоӣ-иқтисодии шаклгирифта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аст, ки аҳамияти он барои фаъолияти Бонк хеле муҳим аст.

Таҳлили шароити макроиқтисодӣ ва фаъолияти низоми бонкии ҷумҳурӣ нишон дод, ки ноустувории нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва ноустувории нишондиҳандаҳои молиявӣ дар соли 2014 ба афзуншавии фишорҳои таваррумӣ дар мамлакат оварданд ва то андозае ба рушди иқтисод таъсир расонданд. Сарфи назар аз ин, дар соли 2014 нисбатан тамоюли рушди бомароми иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам омад ва рушди устувори бисёр нишондиҳандаҳои макроиқтисодии низоми бонкии ҷумҳурӣ ба қайд гирифта шуд.

Бо мақсади устувор нигоҳ доштани сатҳи ҳаҷми пули дар муомилотбуда ва паст кардани фишорҳои таваррумӣ сиёсати фоизии Бонки миллии Тоҷикистон истифода гардидааст, ҳамчун воситаи асосии сиёсати пулӣ, аз ҷумла, меъёри бозтамвил дар соли ҳисоботӣ тадриҷан аз 6,8%-и солона, боло рафтааст.

Дар моҳи декабри соли 2013, Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси қонунгузории Федератсияи Русия, аъзои комилҳуқуқи Биржаи асъории байнибонкии шаҳри Маскав гардид. Дохилшавии Бонки миллии Тоҷикистон ба ин ташкилоти боэътибор ба сатҳи нав баланд бардоштани хамкории мутақобилаи Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар бонкҳои ҷумҳуриро бо ҳамкории Федератсияи Русия дорад.

## ЭЗОҲИ 3. УСУЛҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ БАҲИСОБГИРӢ

**3.1 Эътироф ва арзёбии воситаҳои молиявӣ**

Дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳои молиявӣ дар сурате дар тавозун эътироф карда мешаванд, ки агар бонк нисбат ба ин ё он воситаи молиявӣ аз рӯи қарордод яке аз тарафҳои муомилакунанда бошад. Дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳо бо истифодаи усули баҳисобгирӣ дар санаи амалиёт эътироф карда мешаванд. Ҳангоми бори аввал эътироф кардани воситаҳои молиявӣ аз рӯи арзиши одилонаи ифодаи пулии муомилот зимни дохил кардан ё нигоҳ доштани хароҷоти амалишавии онҳо инъикос меёбанд. Усули баҳисобгирӣ, ки Бонк барои арзёбии минбаъдаи арзиши дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳо истифода мебарад, дар муқаррароти дахлдори сиёсати баҳисобгирӣ, ки дар зер оварда мешаванд, инъикос меёбанд.

Тайёр намудани ҳисоботи молиявӣ бо назардошти талаботҳои СБҲМ, маънои онро дорад, ки аз ҷониби маъмурият истифодабарӣ аз баъзе навъҳои баҳодиҳӣ, яъне баъзан муҳокимаҳое, ки ба истифодабарии сиёсати баҳисобгирӣ таъсир мерасонад ва ба сатҳи дороиҳо дар хисоботи молиявӣ, ӯҳдадориҳо, хароҷот, фоида низ таъсирбахш аст. Баҳодиҳие, ки ба онҳо тааллуқ дорад, дар асоси таҷрибаи тӯлонии маъмурият ва дигар омилҳое ки, аз назари маъмурият ягон таъсири манфӣ намерасонад, дар баъзан ҳолатҳо истифода бурда мешавад. Дар асоси ҳамин омилҳо, нархи тавозунии дороиҳо ва ӯҳдадориҳо, ба миён меояд, агар ҳамин нархи бамиёномада, аз дигар манбаҳои иттилоотӣ ба даст оварда нашавад. Ба ин нигоҳ накарда, таъкид кардан ба маврид аст, ки маълумот оид ба баҳогузорӣ, дар асоси манбаъҳои дақиқи маъмурият ба миён омадааст, натиҷаҳои дар асл мавҷудбуда, метавонанд ба сурати дигар тасвир ёбанд.

Баҳодиҳие, ки ба онҳо тааллуқ дорад, лозим аст, ки дар асоси зарурияти аз нав баҳисобгирии онҳо таҳлил карда шавад. Дигаргуниҳо ворид кардан дар баҳодиҳӣ, дар он ҳолат ба маврид аст, ки маъмурият баҳодиҳиро дар марҳилаи тайёр намудани ҳисобот гузаронад. Агар дигаргуниҳо нишондиҳандаҳои марҳилаи ҷориро дар бар гиранд, бояд дар ҳамин марҳила ба назар гирифта шаванд, ё ин ки дар марҳилаи ҷорӣ ва дар марҳилаҳои оянда ба назар гирифта мешаванд, агар онҳо ба марҳилаи ҷорӣ ё ба марҳилаҳои оянда тааллуқ дошта бошанд.

**3.2 Воситаҳои пулӣ**

Воситаҳои пулӣ ва эквиваленти он пули нақди дар хазинаи Бонк мавҷудбуда, маблағи дар ҳисоби муросилотӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон ба амонат гузоштаро дар бар мегирад.

**3.3 Захираҳои ҳатмӣ**

Захираҳои ҳатмӣ - ин захираҳои зарурии депозитӣ мебошанд, ки мутобиқи меъёрҳои Бонки миллии Тоҷикистон ташкил ёфта, онҳоро Бонк наметавонад дар маблағгузории ҳаррӯзаи фаъолияти бонкӣ истифода барад. Тартиби ҳисобу китоби захираҳои ҳатмӣ мутобиқи санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон сурат мегирад.

**3.4 Маблағи дар бонкҳо буда**

Маблағи дар дигар бонкҳо мавҷудбуда аз дороиҳои молиявии ғайриистеҳсолӣ бо пардохтҳои муқаррааргардидаи нархнадошта дар бозори фаъол ва пешниҳодгардида ба Бонк аз тарафи бонки контрагентро дар бар мегирад. Маблағи ҷойгиркардашуда дар дигар бонкҳо аз лаҳзаи интиқол додани маблағ ифода меёбад. Ҳангоми баҳисобгирии аввала маблағи дар дигар бонкҳо буда аз рӯи арзиши одилона баҳогузорӣ мешавад.

**3.5 Коғазҳои қиматнок**

Дар таркиби дороиҳои Бонк дар давраи аудитшаванда коғазҳои қиматнок мавҷуд набуданд. Аз сабаби дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъол набудани бозори коғазҳои қиматнок, баҳисобгирии минбаъдаи онҳо аз рӯи арзиши дарёфти онҳо сурат мегирад.

**3.6 Сандуқи қарзӣ ва захира барои беарзишшавӣ**

Баҳисобгирии аввалаи қарзи додашуда аз рӯи хароҷоти ҳақиқӣ, яъне аз рӯи арзиши одилонаи маблағи додашуда арзёбӣ мегардад. Уҳдадории дебиторӣ ба сифати дороӣ дар лаҳзаи додани маблағ ба муштариён ҳисоб мешавад. Минбаъд қарз дар маблағи қарзи асосии пардохтнашуда мутобиқи шартномаи қарзӣ бо тарҳи захира барои пӯшонидани талафотҳои имконпазир (беарзишшавӣ) ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар сурати мавҷуд будани нишонаҳои объективии беарзишшавии қарзи додашуда дар натиҷаи ҳодисаҳои рӯйдода баъд аз ҳисобгирии аввалаи дороӣ, Бонк захира барои беарзишшавиро барои ҷуброн намудани зарар барои қарзи алоҳида ташкил медиҳад. Ҳисобкунии захира барои беарзишшавӣ дар асоси таҳлили дороиҳои ба хавфи қарзӣ дучоршаванда анҷом мепазирад. Захира барои пӯшонидани талафотҳои имконпазир дар ҳисоботи молиявӣ фақат барои талафоти воридшуда то санаи таҳияи ҳисобот дар асоси нишонаҳои объективии тасдиқкунандаи ин беарзишшавӣ дар давраи баъд аз ҳисобкунии аввала рӯй додааст, дар назар гирифта мешавад.

Мутобиқи сиёсати қарзӣ қарзҳое, ки пардохти онҳо ғайриимкон аст, аз ҳисоби захираи ташкилёфта аз тавозун хориҷ карда мешаванд. Аз тавозун баровардани қарз фақат баъд аз андешидани тамоми чораҳо барои гирифтани қарз ва тартиботи лозимаи муайян намудани маблағи зиён, ҳамчунин пас аз ба тавозуни Бонк қабул кардани амволи гарав амалӣ мегардад.

Барқарорсозии захираи қаблан ташаккулёфта дар ҳисобот дар бораи маҷмӯи даромади Бонк инъикос меёбад.

Ба мақсади ташаккул додани захира барои пӯшонидани талафотҳои имконпазир, Бонк таснифоти зерини сандуқи қарзиро истифода мебарад:

| Мӯҳлати таъхир | Фоизи хавфи қарз бо асъори миллӣ | Фоизи хавфи қарз бо асъори хориҷӣ | Вазъияти қарз |
|---|---|---|---|
| камтар аз 30 рӯз | 5% | 10% | Ғайриқолабӣ |
| аз 30 до 60 рӯз | 30% | 40% | Шубҳанок |
| аз 60 до 180 рӯз | 75% | 85% | Хатарнок |
| Бештар аз 180 рӯз | 100% | 110% | Беэътимод |

**3.7 Иҷораи амалиётӣ**

Иҷорае, ки зимни он қисми бештари хавфҳо ва ҳуқуқи соҳибӣ ба иҷорадиҳанда дода мешавад, иҷораи амалиётӣ ба шумор меравад. Бонк дар давраи ҳисоботӣ аз амалиёти иҷоравӣ анҷом надодааст.

**3.8 Воситаҳои асосӣ**

Воситаҳои асосӣ аз рӯи хароҷоти ҳақиқӣ барои дарёфти онҳо чун дороӣ шинохта мешаванд. Баъдан, воситаҳои асосӣ пас аз тарҳи фарсудашавии онҳо ба инобат гирифта мешаванд. Хароҷоти минбаъда дар арзиши тавозунии дороӣ дохил мешавад, агар эҳтимолияти объективии дарёфти фоидаи иқтисодии вобаста ба истифодабарии дороӣ вуҷуд дошта бошад. Тамоми хароҷоти дигар дар ҳисобот дар бораи маҷмӯи даромад дар давраи дахлдор инъикос мегардад.

Биное, ки дар тавозуни Бонк қарор дорад ва дар ҷараёни фаъолияти рӯзмарра истифода бурда мешавад, дар ҳисобот дар бораи вазъияти молиявӣ аз рӯи нархи аз нав баҳододашуда, ки дар санаи азнавнархгузорӣ одилона мебошад ва ба асоси маълумоти бозорӣ аз тарафи баҳогузорони варзидаи мустақил таъин мешавад ва бо тарҳи истеҳлок (амортизатсия) инъикос меёбад.

Барои ҳисоби истеҳлоки тамоми воситаҳои асосӣ усули хаттӣ (линейний) истифода бурда мешавад. Бонк меъёрҳои зеринро барои ҳисобкунии фарсудашавии воситаҳои асосӣ муқаррар кардааст:

| Номгӯи воситаҳои асосӣ | Меъёри истеҳлок (%) |
|---|---|
| Иморат | 7 |
| Мебел ва таҷҳизот | 8-20 |
| Нақлиёт | 15 |
| Таҷҳизоти компютерӣ | 20 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 10 |

**3.9 Захираҳо**

Бонк барои ҷуброни зиёни вобаста ба амалисозии фаъолияти асосӣ ва барои дигар ҳадафҳои пешбинишудаи қонунгузорӣ фонди захиравӣ ташкил медиҳад.

**3.10 Ӯҳдадориҳои нафақавӣ**

Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кормандони Бонк пардохтҳои нафақавӣ нигоҳ дошта мешаванд, ки ба рақами мушаххаси андозсупорандаи ҳар як корманд ба Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа интиқол меёбад. Ба ғайр аз ин, Бонк дигар ӯҳдадориҳои иловагиро оид ба таъмини нафақаи кормандони Бонкро надорад.

**3.11 Ӯҳдадориҳои молиявӣ**

Маблағҳои қарзӣ сараввал аз рӯи нархи дарёфтӣ (харидоришуда), ки аз маблағи дарёфтшуда зимни нигоҳ доштани хароҷоти сарфшуда барои муомилот иборат аст, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Баъдан, маблағҳои қарзӣ аз рӯи арзиши истеҳлокӣ (амортизатсияшуда) ифода меёбанд ва фарқият байни маблағи харидоришуда ва арзиши бозпардохт дар ҳисобот дар бораи маҷмӯи даромад дар давраи ҳисоботӣ чун хароҷоти фоизӣ инъикос меёбад. Фоизи қарзҳои ҷалбшуда, заёмҳо, ҳармоҳа аз рӯи меъёри номиналии фоиз барои бақияи маблағи асосии пардохтнашуда ё маблағи асосии аввала бо назардошти шартҳои созишномаи қарзӣ ҳисоб карда мешаванд.

Ӯҳдадориҳои ҷорӣ дар ҳисобот дар бораи вазъияти молиявии Бонк ба андозаи бавуҷудоии онҳо – ҳангоми ҳисобу китоби музди меҳнати кормандон, маблағи ҳисобкардашудаи ӯҳдадориҳои андоз, ӯҳдадориҳои ҳисобшуда аз рӯи пардохти хароҷоти амалиётӣ ва ғайра инъикос меёбанд.

**3.12 Эътироф кардани даромад ва хароҷот**

Бонк дар ҷараёни фаъолияти амалиётӣ даромад ва хароҷотро аз рӯи усули баҳисобгирӣ эътироф менамояд. Аз рӯи усули баҳисобгирӣ даромад дар он давраи ҳисоботӣ эътироф карда мешавад, ки дар он бозёфт шудааст, ҳатто гарчи маблағ ҳанӯз ба ҳисоби Бонк ворид нашуда бошад. Ҳамин тавр, хароҷот низ дар он давраи ҳисоботӣ инъикос меёбад, ки дар он хароҷот ҷой дорад, сарфи назар аз он ки маблағи хароҷот аз тарафи Бонк дар ин давраи ҳисоботӣ пардохта шудааст ё не.

**3.13 Андозбандӣ**

Хароҷоти андоз аз фоида, ки дар ҳисобот дар бораи маҷмӯи даромад инъикос ёфтааст - ин маблағи андози ҷорӣ аз фоида мебошад, ки мутобиқи қонунгузории амалкунандаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад. Фоидаи то андозбандӣ аз фоидаи андозбандишаванда фарқ дорад, чунки барои ҳисобкунии андоз аз фоида бархе аз қисматхои чун хароҷот эътирофгардида бо мақсади андозбандӣ истисно мешаванд. Ҳангоми ҳисобкунии андоз аз фоида меъёри андоз дар ҳаҷми 40% (25% андоз аз фоида +15% андоз аз сохтори шахси ҳуқуқии хориҷӣ) истифода бурда мешавад.

Андозбандии таваққуфшуда аз рӯи андоз аз фоида аз рӯи усули дороиҳо ва ӯҳдадориҳои тавозунӣ нисбат ба тамоми фарқиятҳои муваққатӣ байни базаи андозии дороиҳо ва ӯҳдадориҳо ва арзиши тавозунии онҳо мутобиқи ҳисоботи молиявӣ ҳисоб карда мешаванд. Дороиҳо ва ӯҳдадориҳои андозбандии таваққуфшуда бо истифода аз меъёри андозбандии истифодашаванда дар даврае, ки дороиҳо фурӯхта мешаванд ва ӯҳдадориҳо бозпардохт мешаванд, зимни ба асосгирии меъёри андозбандӣ дар давраи мазкур ё амалан муқарраршуда дар санаи тартибдиҳии ҳисобот, муайян карда мешаванд.

Дороиҳо аз рӯи андозбандии таваққуфшуда ба он ҳадде ифода меёбанд, ки эҳтимолияти гирифтани фоидаи андозбандишуда вуҷуд дошта бошад, ки ба муқобили он метавон фарқияти муваққатиро истифода бурд.

**3.14 Муомилот бо асъори хориҷӣ**

Бонк ҳисоботи молиявиро бо асъори миллӣ таҳия ва муаррифӣ мекунад.

Муомилот бо асъори хориҷӣ саравval бо асъори миллӣ аз рӯи қурби расмии мубодилавии Бонки миллии Тоҷикистон дар санаи амалиёт ифода меёбад. Фарқият байни қурби мубодилавии шартномавӣ ва қурби расмии БМТ дар санаи амалиёт дар ҳисобот дар бораи маҷмӯи даромад чун даромади холис аз муомилот бо асъори хориҷӣ дохил карда мешавад. Қурби мубодилаи асъор, ки бонк ҳангоми тартибдиҳии ҳисоботи молиявии солона истифода бурдааст, чунин аст:

| | 31.12.2013 | 31.12.2014 |
|---|---|---|
| 1 доллари ИМА | 4,7741 | 5,3079 |
| 1 евро | 6,5772 | 6,4550 |
| 10 рубли русӣ | 1,4460 | 0,0933 |

**3.15 Сармояи худӣ**

Сармояи худии Бонк аз сармояи оинномавӣ, фоидаи тақсимнашуда ва захира, ки мутобиқи қонунгузории амалкунанда ташаккул ёфтааст, иборат аст.

Сармояи оинномавӣ бо арзиши аввала, бо тарҳи сармояи оинномавии пардохтнашуда инъикос меёбад. Пардохти суди саҳм (дивидендҳо) чун камшавии маблағҳои хусусӣ дар даврае, ки дивидендҳо эълон шудаанд, ифода меёбанд.

Дивидендҳое, ки баъд аз санаи ҳисоботӣ эълон шудаанд, чун рӯйдодҳои минбаъда мутобиқи СБҲМ 10 «Ҳодисаҳои ба амаломада баъд аз санаи ҳисоботӣ» дар назар гирифта мешаванд.

## 4. ЭЗОҲ БА ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ МАҶМӮИ ДАРОМАД

### 4.1 Даромад ва хароҷот

| Даромади фоизӣ ва дигар даромадҳо | 31 декабри соли 2013 | 31 декабри соли 2014 |
|---|---|---|
| Даромади фоизӣ аз ҷойгиркунии муҳлатнок | 1 644 161 | 1 816 581 |
| Даромади фоизӣ аз корхонаҳои тиҷоратӣ | 695 406 | 647 940 |
| Даромади фоизӣ аз соҳибкорон | 57 631 | 188 044 |
| Даромади фоизӣ аз шахсони воқеӣ | 35 918 | 17 708 |
| **Ҳамагӣ:** | **2 639 213** | **2 670 273** |

**Даромади холис аз комиссия ва хизматрасонӣ**

| Даромад аз комиссия ва хизматрасонӣ | 31 декабри соли 2013 | 31 декабри соли 2014 |
|---|---|---|
| **Даромад аз комиссия** | | |
| Аз он ҷумла: | | |
| Даромад аз ташкилотҳо | 189 904 | 382 310 |
| Интиқолҳои пулӣ | 6 884 172 | 2 514 424 |
| **Ҳамагӣ даромад аз комиссия ва хизматрасонӣ:** | **7 074 076** | **2 896 734** |
| **Хароҷоти комиссионӣ ва хизматрасонӣ:** | | |
| Хароҷоти фоизи барои ҷойгикуниҳои муҳлатнок | 0 | 0 |
| Хароҷоти комиссионӣ ва хизматрасонӣ ҳақгузорӣ | 35 382 | 27 124 |
| **Ҳамагӣ хароҷоти комиссия ва хизматрасонӣ:** | **35 382** | 27 124 |
| **Даромади холис аз комиссия ва хизматрасонӣ:** | | |

**Даромади холис аз амалиёт бо асъори хориҷӣ**

| | 31 декабри соли 2013 | 31 декабри соли 2014 |
|---|---|---|
| Даромади холис аз амалиёт бо асъори хориҷӣ | 505 053 | 1 256 000 |
| Натиҷаи холиси азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ | 29 826 612 | 39 063 799 |
| **Ҳамагӣ даромади холис аз амалиёт бо асъори хориҷӣ:** | **30 331 665** | 40 319 799 |

**Хароҷоти холис аз амалиёт бо асъори хориҷӣ**

| | 31 декабри соли 2013 | 31 декабри соли 2014 |
|---|---|---|
| Даромади холис аз амалиёт бо асъори хориҷӣ | 218 718 | 634 976 |
| Натиҷаи холиси азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ | 29 257 612 | 37 588 065 |
| **Ҳамагӣ даромади холис аз амалиёт бо асъори хориҷӣ:** | **29 476 431** | 38 223 041 |

## Хароҷоти амалиётӣ

| | 31 декабри соли 2013 | 31 декабри соли 2014 |
|---|---|---|
| Хароҷоти музди меҳнат | 258 647 | 282 909 |
| Пардохти ҳаққи хизмати мутахассисон | 16 819 | 58 637 |
| Маблағгузори ба фонди ҳифзи иҷтимоӣ | 64 662 | 80 595 |
| Хизмати аудиторони беруна | 8 500 | 9 500 |
| Андоз | 160 679 | 130 899 |
| Андоз аз фоида | 3 166 392 | 2 161 367 |
| Истеҳлоки дороиҳои тавозун | 109 600 | 103 187 |
| ФПТИ аз рӯи қарзҳо | 27 609 | 49 |
| Дигар андозҳо ва иҷозатномаҳо | 1 899 | 1 904 |
| Хароҷот барои сӯзишворӣ | 17 268 | 14 288 |
| Хизматрасонии маишӣ (коммуналӣ) | 15 140 | 22 489 |
| Хароҷоти сафари хизматӣ ва нақлиётӣ | 788 592 | 773 850 |
| Хизматрасонии муҳофиза | 70 106 | 88 614 |
| Хизматрасонии алоқа | 29 248 | 28714 |
| Лавозимоти дафтардорӣ | 4 358 | 9 068 |
| Тарғибот (реклама) | 1 060 | 900 |
| Нигаҳдорӣ ва таъмири воситаҳои техникӣ | 22 858 | 21 271 |
| Ҷарима | 15 000 | 10 000 |
| Хароҷоти кироя-фрахт ва хаткашонӣ | 2 038 | 15 645 |
| Хароҷот намояндагӣ | 6 950 | 8 271 |
| Дигар хароҷотҳо | 41 857 | 45 529 |
| **Ҳамагӣ:** | **4 829 282** | **3 867 686** |

## Хароҷоти музди меҳнати кормандон

| | 31 декабри 2013 | 31 декабри 2014 |
|---|---|---|
| Музди меҳнат | 221 198 | 322 380 |
| Пардохтҳои иловагӣ | 39 364 | 3 144 |
| Пардохт ба ФҲИА | 64 662 | 80 595 |
| **Ҳамагӣ:** | **325 224** | **406 119** |

### 4.2 Андоз аз фоида

Бонк андоз аз фоидаро барои давраи ҷорӣ ба асоси муқаррароти андоз, ки мутобиқи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешавад, ҳисоб мекунад. Азбаски баъзе навъҳои хароҷот ба мақсадҳои андозбандӣ ба инобат гирифта намешаванд, ҳамчунин ба сабаби мавҷудияти даромади андозбандинашуда дар Бонк фарқиятҳои доимӣ пайдо мешаванд.

| | 31 декабри соли 2013 | 31 декабри соли 2014 |
|---|---|---|
| **Фоидаи то андозбандӣ** | **8 697 764** | **7 437 304** |
| Андоз аз рӯи меъёри муқарраршудаи фоидаи то андозбандӣ - 40% (25% андоз аз фоида +15% андоз аз сохтори шахси ҳуқуқии хориҷӣ) | (3 166 392) | (2 161 367) |
| **Хароҷоти андоз аз фоида** | **0** | **0** |

## Андози ҷорӣ аз фоида

| Номгӯи моддаҳо | 31 декабри соли 2013 | 31 декабри соли 2014 |
|---|---|---|
| Андози ҷорӣ аз фоида | 3 166 392 | 2 161 367 |
| Зиёни андози солҳои пешин (дороии андоз) | 0 | 0 |
| **Ҳамагӣ андоз:** | 3 166 392 | 2 161 367 |

## 5. ЭЗОҲ БА ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ВАЗЪИЯТИ МОЛИЯВӢ

### 5.1 Нақди хазина

| | 31 декабри соли 2013 | 31 декабри соли 2014 |
|---|---|---|
| Нақди хазина – бо пули миллӣ | 496 164 | 699 536 |
| Нақди хазина – бо асъори хориҷӣ | 877 434 | 1 445 121 |
| **Ҳамагӣ пули нақд:** | **1 373 598** | **2 144 657** |

### 5.2 Бақияи суратҳисобҳои дар Бонки миллии Тоҷикистон буда

| | 31 декабри соли 2013 | 31 декабри соли 2014 |
|---|---|---|
| Суратҳисоб дар БМТ - бо пули миллӣ | 3 895 034 | 7 149 568 |
| Суратҳисоб дар БМТ – бо асъори хориҷӣ | 445 802 | 3 230 980 |
| Захираи ҳатмӣ – бо пули миллӣ | 72 159 | 124 515 |
| Захираи ҳатмӣ – бо асъори хориҷӣ | 289 047 | 268 045 |
| **Ҳамагӣ бақияи маблағ дар БМТ:** | **4 702 042** | **10 773 108** |

Захираҳои ҳатмӣ мутобиқи талаботи дастурамали №194 «Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд»-и Бонки миллии Тоҷикистон ташкил дода шуда, дар истифодаи онҳо маҳдудият нест дорад.

### 5.3 Маблағҳое, ки дар дигар бонкҳо ҷойгир карда шудаанд

| | 31 декабри соли 2013 | 31 декабри соли 2014 |
|---|---|---|
| Суратҳисоби мукотибавӣ дар бонкҳои ҶТ– асъори хориҷӣ | 36 267 782 | 42 524 057 |
| Суратҳисоби мукотибавӣ дар бонкҳои берун аз қаламрави ҶТ – асъори хориҷӣ | 11 581 063 | 134 473 |
| Ҷойгиркуниҳои мӯҳлатнок - амонатҳо бо асъори миллӣ | 12 000 000 | 13 000 000 |
| Ҷойгиркуниҳои мӯҳлатнок - амонатҳо дар қаламрави ҶТ бо асъори хориҷӣ | 11 935 250 | 22 306 750 |
| Қарзҳо барои ташкилотҳои қарзӣ | 0 | 0 |
| | | |
| **Ҳамагӣ бақияи маблағ дар дигар бонкҳо:** | **71 784 095** | **77 965 280** |

**Маблағҳои амонатҳои ҷойгиркардашуда.**

| | 31 декабри<br>соли 2013 | 31 декабри<br>соли 2014 |
|---|---|---|
| Амонатҳо дархостӣ –бо асъори миллӣ | 1 395 317 | 1 180 498 |
| Амонатҳо дархостӣ –бо асъори хориҷӣ | 1 563 953 | 1 801 203 |
| Амонатҳо пасандозӣ –бо асъори миллӣ | 11 401 | 27 081 |
| Амонатҳо пасандозӣ –асъори хориҷӣ | 963 928 | 1 130 461 |
| Суратҳисоби муросилотии бонкҳои берун аз қаламрави ҶТ – асъори хориҷӣ | 30 391 016 | 42 555 236 |
| **Ҳамагӣ бақияи маблағҳои ҷойгиршуда:** | **34 325 615** | **46 694 479** |

## 5.4 Сандуқи қарзӣ

Ба ҳолати 31-уми декабри соли 2014-ум сандуқи қарзии Бонк ба маблағи **5 671 799** сомонӣ қарзи ҷориро ташкил медиҳад, ки муқоиса бо (3 170 943 сомонӣ) ҳамин давраи соли ҳисоботи 2 500 142 сомонӣ зиёд шудааст.

| | 31 декабри<br>соли 2013 | 31 декабри<br>соли 2014 |
|---|---|---|
| Сандуқи қарзӣ | 3 171 657 | 5 671 799 |
| ФПТИ (захира) | (7 161) | 0 |
| **Ҳамагӣ: (холис)** | **3 170943** | 5 671 799 |

**Аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт гуруҳбандии сандуқи қарзӣ чунин аст:**

| | **Бакия ба 31 декабри соли 2013** | **Фоиз аз сандуқи умумӣ** | **Бақия ба 31 декабри соли 2014** | **Фоиз аз сандуқи умумӣ** |
|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 0 | 0,00% | 0 | 0,00% |
| Сохтмон | 0 | 0,00% | 0 | 0,00% |
| Савдо ва соҳибкорӣ | 1 566 750 | 20,79% | 888 500 | 15,66% |
| Тиҷоратӣ | 1 515 282 | 76,12% | 4 488 160 | 79,13% |
| Шахсони воқеӣ | 96 786 | 3,09% | 295 139 | 5,21% |
| | 0 | 0,00% | | 0,00% |
| **Ҷамъ:** | **3 178 818** | **100,00%** | **5 671 799** | **100,00%** |
| Фоизи ҳисобшуда | 0 | | 0 | |
| ФПТИ | 7 875 | | 0 | |
| **Ҳамагӣ:** | **3 170 743** | **0** | **5 671 799** | **0** |

**Захира барои пӯшонидани талафотҳои имконпазир ба таври зерин гуруҳбандӣ шудааст:**

| | Бақия ба 31 декабри 2013 | % таносуб | Бақия ба 31 декабри 2014 | % таносуб |
|---|---|---|---|---|
| Тичорати | 0 | 0% | 0 | 0% |
| Шахсони воқеъӣ | 7 875 | 100,0% | 0 | 0% |
| Савдо ва соҳибкорӣ | 0 | 0% | 0 | 0% |
| | **7 875** | **100%** | **0** | **100%** |

Қисми асосии сандуқи қарзии Бонкро қарзҳои ба корхонаҳои тиҷоратӣ ва соҳибкорони инфиродӣ додашуда (94.81%) ташкил медиҳад.

Аз рӯи намуди қарзгирандагон, сохтори сандуқи қарзӣ шакли зеринро дорад:

| | | Бақия ба 31 декабри 2013 | Бақия ба 31 декабри 2014 |
|---|---|---|---|
| Қарз ба шахсони воқеӣ | | 96 984 | 295 139 |
| Миқдори умумӣ | | 5 | 10 |
| Қарз ба соҳибкорони хусусӣ | | 1 566 750 | 888 500 |
| Миқдори умумӣ | | 3 | 4 |
| Қарз ба хоҷагиҳои деҳқонӣ | | 0 | 0 |
| Миқдори умумӣ | | 0 | |
| Қарз ба соҳаи тиҷорат | | 1 515 282 | 4 489 160 |
| Миқдори умумӣ | | 4 | 9 |
| **Маблағи умумӣ:** | | **3 178 818** | **5 671799** |
| Фоизи ҳисобшуда | | 0 | 0 |
| ФПТИ аз рӯи қарзҳо | | -7 875 | 0 |
| **Ҳамагӣ:** | | **3 170 943** | **0** |
| Миқдори умумии қарзҳо: | | 12 | 23 |

Гуруҳбандии сандуқи қарзӣ сохтори зерин дорад:

| **Гуруҳбандии сандуқи қарзӣ** | | **Бақия ба 31 декабри соли 2013** | **Бақия ба 31 декабри соли 2014** |
|---|---|---|---|
| Қарзҳои қолабӣ | | 3 171 657 | **5 671799** |
| Қарзҳои мӯҳлаташон гузашта | | 7161 | 0 |
| Қарзҳои тамдидшудаи мӯҳлатгузашта | | 0 | 0 |
| Қарзҳои дар мурофиаи судӣ буда | | 0 | 0 |
| **Ҷамъ:** | | **3 178 818** | **5 671799** |
| Фоизҳои ҳисобшуда | | 0 | 0 |
| ФПТИ аз рӯи қарзҳо | | -7 875 | 0 |
| **Ҳамагӣ:** | | **3 170 943** | **5 671799** |

Аз рӯи гурӯҳҳои хавф тақсимоти сандуқи қарзӣ сохтори зеринро дорост:

| | **Бақия ба 31 декабри соли 2013** | | | **Бақия ба 31 декабри соли 2014** | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Андоза | Маблағ | ФПТИ | Маблағ | ФПТИ |
| Қолабӣ | | **3 171657** | 0 | **5 671 799** | 0 |
| Ғайриқолабӣ | 5% | 0 | 0 | 0 | 0 |
| | 10% | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Шубҳанок | 30% | 0 | 0 | 0 | 0 |
| | 40% | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Хатарнок | 75% | 0 | 0 | 0 | 0 |
| | 85% | 0 | 0 | 0 | 0 |
| | 100% | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Беэътимод | 110% | 7 161 | -7 875 | 0 | 0 |
| **Ҳамагӣ:** | | **3 178 818** | **-7 875** | **5 671 799** | **0** |

Бонк ба сифати таъмини гарав, асосан дороиҳоро ба шакли амволи ғайриманқул (ҳавлиҳои хусусӣ, хонаҳо ва иморатҳо) қабул мекунад. Ба ҳолати 31-уми декабри соли 2014 маблағи умумии қарзҳои таъминотдошта дар таносуби фоизӣ нисбат ба сандуқи қарзии фаъол 95,91%,-ро ташкил дода, қарзҳои таъминот надошта бошад, 4,09%-ро ташкил медиҳад.

Ба 31 декабри соли 2014

| | Маблағ | Ҳисса | Шумораи қарз | Арзиши таъминоти гарав |
|---|---|---|---|---|
| Қарзҳои бо амволи ғайриманқул таъминбуда | 5 439 660 | 95,91% | 15 | 13 176 065 |
| Қарзҳои таъминот надошта | 232 139 | 4,09% | 8 | 0 |
| **Ҷамъ:** | **5 671 799** | **100,00%** | **0** | **0** |
| Фоизҳои ҳисобшуда | 0 | 0% | 0 | 0 |
| ФПТИ аз рӯи қарзҳо | 0 | 0% | 0 | 0 |
| **Ҳамагӣ:** | **0** | **0%** | **23** | **13 176 065** |

## 5.5 Воситахои асосӣ ва таҷҳизот

| Воситаҳои асосӣ | Иморат | Мебел ва таҷҳизот | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| **Арзиши аввала ба 01 январи 2013** | **1 920 969** | **902 225** | **2 823 194** |
| Истеҳлоки ҷамъшуда | ( 443 209 ) | (280 732) | (723 941) |
| **Арзиши холис ба 31-Декабри 2013** | **1 477 760** | **621 493** | **7 663 721** |
| Воридшавӣ | | | |
| Хориҷшавӣ | | | |
| Аз ҳисоббарории истеҳлоки ҷамъшуда | (973 537) | (310 546) | **(1 284 083)** |
| **Арзиши аввала ба 31-Декабри 2014** | **947 432** | **136 514** | **1 083 9785** |
| **Арзиши холис ба 31-Декабри 2014** | **1 920 969** | **902 225** | **2 823 194** |

**Дороиҳои ғайримоддӣ**

| | |
|---|---|
| **Арзиши аввала ба 01 январи 2013** | **52 572** |
| Истеҳлоки ҷамъшуда ба 01 январи 2013 | -31 975 |
| **Арзиши тавозунӣ ба 01 январи 2014:** | **20 597** |
| **Арзиши аввала ба 01 январи 2015** | **52 572** |
| Истеҳлоки ҷамъшуда ба 01 январи 2015 | 34 034 |
| **Арзиши тавозунӣ ба 01 январи 2015** | **18 538** |

**Маълумоти умумӣ**

| | | 31 декабри соли 2013 | 31 декабри соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Суратҳисоби муросилотии бонкҳои хориҷӣ - асъори хориҷӣ | | 30 391 016 | 42 555 236 |
| Суратҳисоби муросилотии бонкҳои хориҷӣ-пули миллӣ | | 0 | 0 |
| **Ҳамагӣ:** | | 30 391 016 | 42 555 236 |

**5.9 Амонатҳои муштариён** Таҳлил аз рӯи навъи амонатҳо

| | | 31 декабри соли 2013 | 31 декабри соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Ҳисобҳои ҷорӣ ва амонатҳои дархостӣ, аз он ҷумла: | | | |
| резидентҳо -ашхоси ҳуқуқӣ | | 1 084 424 | 1 042 907 |
| ғайрирезидентҳо -ашхоси воқеӣ | | 1 874 846 | 1 938 793 |
| Амонатҳои мӯҳлатнок ва пасандозӣ, аз он ҷумла: | | | |
| резидентҳо -ашхоси ҳуқуқӣ | | 152 365 | 165 829 |
| ғайри резидентҳо -ашхоси воқеӣ | | 822 964 | 991 713 |
| Фоизи ҳисобшуда | | 0 | 0 |
| **Ҳамагӣ:** | | **3 934 599** | **4 139 242** |

**Маълумоти умумӣ**

| | | 31 декабри соли 2013 | 31 декабри соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Суратҳисоби ғайрифаъоли мизоҷон - асъори хориҷӣ | | 76 968 | 87 476 |
| Суратҳисоби ғайрифаъоли мизоҷон - асъори миллӣ | | 153 967 | 173 091 |
| **Ҳамагӣ:** | | **230 935** | **260 567** |

**Амонатҳо аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт**

| Соҳаҳои иқтисодиёт | Ба 31 декабри соли 2013 | Ба 31 декабри соли 2014 |
|---|---|---|
| Саноат | 180 | 147 |
| Кишоварзӣ | 78 | 25 |
| Нақлиёт | 30 400 | 1 362 |
| Тиҷорат | 508 333 | 38 246 |
| Сохтмон | 50 468 | 514 499 |
| Саноати коркардабарой | 0 | 23 432 |
| Шахсони воқеӣ | 1 467 377 | 1 593 072 |
| Дигар | 1 877 763 | 1 968 459 |
| **Ҳамагӣ:** | **3 934 599** | **4 139 242** |

**5.10 Дигар ӯҳдадориҳо**

| Дигар ӯҳдадориҳо | 31 декабри соли 2013 | 31 декабри соли 2014 |
|---|---|---|
| Андоз аз фоида барои пардохт | 730 235 | 0 |
| Ҳисобҳои дигар барои пардохт | 230 935 | 193 |
| Суратҳисоби ғайрифаъоли муштариён барои пардохт- асъори миллӣ | | 87 476 |
| Суратҳисоби ғайрифаъоли муштариён барои пардохт- асъори хориҷи | | 173 091 |
| **Ҳамагӣ:** | **961 170** | **260 760** |

**5.11 Сармояи оинномавӣ**

Ба ҳолати 31-уми декабри соли 2014 сармояи оинномавии эълоншудаи Бонк 16 409 725 сомониро ташкил медиҳад. Айни замон сармояи оинномавии эълоншудаи Бонк дар санаи ҳисоботӣ пурра пардохт карда шудааст.

**5.13 Сармоя ва захираҳо**

| | 31 декабри соли 2013 | 31 декабри соли 2014 |
|---|---|---|
| **Сармояи оинномавӣ** | **16 409 725** | **16 409 725** |
| **Фоидаи тақсимнашуда** | 21 261 087 | 24 844 373 |
| Фоида ва зарари соли гузашта | 3 633 285 | 5 531 374 |
| **Захираҳои азнавбаҳодиҳии В/А** | **13 430** | **13 430** |
| **Захираҳои аз ҳисоби фоида** | 100 000 | **150 000** |
| Фоида ва зарари соли гузашта | 5 531 372 | **3 768 955** |
| **Сармояи умумӣ** | **46 948 899** | **50 717 857** |

## ЭЗОҲИ 6. АМАЛИЁТҲО БО ИШТИРОКИ ТАРАФҲОИ АЛОҚАМАНД

Мутобиқи муқаррароти СБҲМ 24 «Ошкор намудани иттилоот дар бораи тарафҳои алоқаманд» - ҷониби алоқаманд вақте тарафи алоқаманд шуда метавонад, ки агар:

(a) чунин тараф бевосита ё бавосита тавассути як ё якчанд миёнарав амал кунад;
(i) муассисаро назорат мекунад ё таҳти назорати он қарор дорад ё агар муассиса ва чунин тараф таҳти назорати умумӣ қарор дошта бошанд (ба ин муассисаҳои асосӣ ва фаръӣ ва дигар муассисаҳои фаръии як муассисаи асосӣ дохил мешаванд);
(ii) дар муассиса саҳм дорад, ки ин таъсири вай ба муассисаро таъмин мекунад;
(iii) назорати якҷоя ба муассисаро амалӣ менамояд;
(b) тараф муассисаи муттаҳидшудаи муассисаи мазкур;
(c) тараф соҳибкори муштарак мебошад, ки муассиса саҳмдори он мебошад;
(d) тараф дар ҳайати роҳбарии муассиса дохил аст ё дар ҳайати роҳбарии муассисаи асосии он;
(e) тараф хеши наздики яке аз ашхоси зикршуда дар банди (а) ё банди (г) мебошад;
(f) тараф муассисае мебошад, ки таҳти назорат, ё таҳти назорати муштарак қарор дорад ё таҳти таъсири яке аз ашхоси зикршуда дар банди (г) ё банди (д) қарор дорад, ё ин ки чунин ашхос бевосита ё бавосита ҳаққи овоздиҳӣ дар муассисаи мазкурро доранд;
(g) тараф васила подош дар натиҷаи итмоми фаъолияти меҳнатӣ мебошад, ки барои кормандони муассиса ташкил шудааст ё муассисаи дигаре мебошад, ки тарафи алоқаманди муассиса аст.

## ЭЗОҲИ 7. ИДОРАКУНИИ САРМОЯ

Идоракунии сармояи Бонк ҳадафҳои зерин дорад: риояи талабот ба сармоя, ки Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар намудааст; таъмини қобилияти Бонк барои фаъолият чун муассисаи мунтазам фаъол. Назорат ба иҷрои меъёри кифоятии сармоя, ки Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар намудааст, аз тариқи ҳисоботи ҳармоҳа, ки аз тарафи Раис ва Сармуҳосиб тафтиш ва тасдиқ мешаванд, амалӣ мегарданд.

Мутобиқи талаботи мавҷуда ба сармоя, ки Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар намудааст, бонкҳо бояд ду нишондиҳандаи (коэффисиенти) кифоятии сармоя К1-1 ва К1-2 –ро иҷро намоянд. Нишондиҳандаи К1-1 чун таносуби сармояи танзимшавандаи Бонк бо дороиҳои бо назардошти хавф баркашида ҳисоб мешавад. Ин меъёр на камтар аз 12%

муқаррар шудааст. Нишондиҳандаи К1–2 чун таносуби сармояи танзимшавандаи Бонк бо дороиҳои умумии Бонк муайян шудааст. Ин меъёр на камтар аз 10% таъин шудааст.

Дар ҷадвали зерин андозаи сармоя дар асоси ҳисоботи Бонк, ки мутобиқи талаботи Бонки миллии Тоҷикистон таҳия шудааст, оварда шудааст. Сармояи асосии Бонк аз сармояи оинномавии пардохташуда, захираҳои ташкилёфта аз фоидаи холис, фоидаи тақсимнашуда зимни тарҳи дороиҳои ғайримоддии холис иборат аст. Сармояи иловагӣ аз захираи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ иборат аст.

| Сармояи танзимшаванда | 31 декабри соли 2013 | 31 декабри соли 2014 |
|---|---|---|
| Сармояи асосӣ | **46 914 872** | **50 685 889** |
| Сармояи иловагӣ | 13 430 | 13 430 |
| **Ҳамагӣ сармояи танзимшаванда** | **46 928 302** | **50 699 319** |
| **Меъёри К1-1** | **81,68%** | **82,64%** |
| **Меъёри К1-2** | **57,07%** | **51,91%** |

Бонк меъёри муайяннамудаи Бонки миллии Тоҷикистонро оиди сармояи танзимшаванда иҷро менамояд. диҳад.

## ЭЗОҲИ 8. РӮЙДОДҲОИ БА АМАЛОМАДА БАЪД АЗ САНАИ МУАРРИФИИ ҲИСОБОТ

Роҳбарияти Бонк бар он ақидаанд, ки падидаҳои ҷиддие вуҷуд надоранд, ки ба вазъияти молиявӣ ва ба натиҷаи фаъолияти Филиали бонки «Тиҷорат»-и Ҷумҳурии Исломии Эрон дар шаҳри Душанбе дар ояндаи наздик таъсири ҷиддии манфӣ расонида тавонанд.

## ЭЗОҲИ 9. СИЁСТИ ИДОРАКУНИИ ХАВФҲО

Идоракунии хавф дар фаъолияти бонкӣ аҳамияти асосӣ дорад ва унсури муҳими фаъолияти Бонк мебошад. Натиҷаи фаъолияти Бонк ба андозаи зиёд аз сифати усули баҳодиҳии хавфи қарзӣ ва идоракунии он вобаста аст. Хавф – ин баҳодиҳии талафоти эҳтимолӣ мебошад, ки бонк метавонад бо он дучор гардад.

Идоракунии хавфи бонкӣ мавҷудияти методикаи баҳодиҳии онҳо, яъне эҳтимолияти ба вуҷуд омадани ҳодисаҳои номусоид ва андозаи талафотро дар назар дорад.

Идоракунии хавфи Бонк нисбати хавфи молиявии (хавфи қарзӣ, ҷуғрофӣ, бозорӣ - хавфи асъорӣ, меъёри фоиз, пардохтпазирӣ) хавфи амалиётӣ амалӣ карда мешавад. Вазифаи асосии идоракунии хавфи молиявӣ муайян кардани доираи хавф ва дар оянда таъмин кардани риояи меъёрҳои муайяншуда ва дигар чораҳои назорати дохилӣ мебошад.

Идоракунии хавфи амалиётӣ ва ҳуқуқӣ риояи зарури низомномаҳои дохилӣ ва тартиботҳоро бо максади кам кардани хавфи амалиётӣ ва ҳуқуқиро бояд таъмин кунад. Сиёсати Бонк дар соҳаи идораи хавфҳо ба таъмини ниҳоии тавозун миёни дараҷаи хавф аз тарафи Бонк қабулшуда ва даромаднокии амалиётии бонкӣ бо мақсади маҳдуд кардани таъсири манфии имконпазир ба натиҷаҳои молиявии Бонк ва таъмини устувори тиҷорати он равона карда шудааст.

Ба раванди назорати бевоситаи хавфҳо бе хавф пеш бурдани фаъолият дохил карда намешавад, масалан, тағйироти муҳит, технология ва ё тағйирот ба соҳаи иқтисодӣ дохил

карда мешаванд. Чунин хавфҳо аз тарафи роҳбарияти бонк дар давоми банақшагирии стратегӣ назорат карда мешаванд. Раванди идоракунии хавфҳои Бонк муайянкунӣ, дохилкунӣ ва мониторинги сиёсат ва ҷараёни идоракунии хавф ва баъдан нав кардани он бо ҳисоби тағйирот дар иқтисодиёт, тиҷорат ва муҳити муназзимиро дар бар мегирад.

Шӯрои Нозирони Бонк (Ҳайати мудира) оид ба усули умумии идоракунии хавф, тасдиқ намудани стратегия ва принсипҳои идоракунии хавфҳо, инчунин оиди тасдиқ намудани дигар мақомоти мустақили идоракунандаи хавфҳо масъул мебошад.

Мақомоти идоракунандаи хавфҳои Бонк Кумитаи идоракунии дороиҳо ва ӯҳдадориҳои Бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш. Теҳрон мебошад. Вазифаҳои асосии Кумита инҳо мебошанд:

- муйян кардани мақсадҳои сиёсати идоракунии хавфҳо ва расонидани онҳо то зерсохторҳои Бонк;
- коркарди моделҳои баҳодиҳии хавф;
- коркарди махдудият ба хавфҳои бонкӣ;
- назорат аз болои риояи қонунгузориҳо ва санадҳои меъёри нисбати хавфҳо;
- саривакт муайян кардани хавфҳо ва баҳодиҳии онҳо;
- ба маълумоти шахсони ваколатдори мақомоти идоракунандаи Бонк расонидани далелҳое, ки меъёри муайяншударо вайрон мекунанд.

Роҳбарияти Бонк, Кумитаи идоракунии дороиҳо ва ӯҳдадориҳо, Кумитаи қарзӣ дар атрофи раванди идоракунии хавф қарор қабул мекунанд, ки ба ваколати зерсохторҳои муқаррашуда дохил аст, ва меъёрҳоро барои махдудияти хавф аз рӯи амалиётҳо муайян мекунанд.

Роҳбарияти Бонк ба дараҷаи хавфе ҷаворбгар аст, ки Бонк ба худ қабул мекунад, бояд назорати мунтазамро роҳандозӣ кунад, тавассути аудити дохилӣ баҳогузории бевоситаро амалӣ гардонад, то фаъолияти стратегияи қабулшударо таъмин кунад ва мувофиқатро бо шароитҳои мавҷудаи фаъолияти бонкӣ нигоҳ дорад.

Роҳбарияти Бонк ҷавобгарии ниҳоиро дар назди Маҷлиси умумии саҳомони Бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш. Теҳрон дар он ба дӯш дорад, ки дар Бонк мувофиқати пурраи хавф ва микдори зарар қадри имкон таъмин гардид, инчунин Кумитаи идоракунии дороиҳо ва ӯҳдадориҳо барои мониторинг, нигоҳдории самарабахши системаи менеҷмент ва назорат аз болои хавфҳо, ҳамаи қадамҳои заруриро гузошт.

Низоми назорати дохилии Бонк назоратро оиди амалкунии системаи идоракунии хавфҳои Бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш. Теҳрон амалӣ мекунад ва ба маҳдудкунии хавфҳое равона шудааст, ки аз тарафи Бонк қабул шудаанд ва таъмини тартиботи гузаронидани амалиётҳо ва муомила, ки ҳангоми риоя кардани қонунгузориҳо, санадҳои меъёрии БМТ, меъёрҳои фаъолияти касбӣ, расидан ба мақсадҳои бонкро мусоидат мекунад.

Ба мониторинги ҳаррӯза ва нигоҳдории ҷории самарабахши низоми назорат сардорони идораҳо ва роҳбарони зерсохторҳои дохилӣ ҷавобгар мебошанд. Кумитаи идоракунии дороиҳо ва ӯҳдадориҳо аз болои дараҷаи қабули хавф назорат мебарад. Департаменти аудити дохилии Бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш. Теҳрон оиди гузаронидани тафтишоти даврии низоми мазкур ҷавобгар аст.

Назорати дохилӣ тавассути хатти назорати маъмурӣ ва молиявӣ гузаронида мешавад.

Назорати маъмурӣ дар таъмин кардани гузаронидани амалиётҳо фақат аз тарафи шахсони ваколатдор ифода меёбад, ки қатъан мувофиқи аз тарафи бонк муайян кардани ваколатҳо ва равандҳои қабули қарор оиди гузаронидани амалиёт, амалӣ карда мешавад.

Назорати молиявӣ дар таъмини гузаронидани амалиётҳо дар мувофиқати қатъӣ бо ҳуҷҷатҳои аз тарафи сиёсати Бонк қабулшуда ифода меёбад, ки мутобиқи шаклҳои

гуногуни хизматҳои молиявӣ ва инъикоси мувофиқи онҳо дар ҳисобот амалӣ карда мешавад.

**Дучоршавӣ ба хавф ва сабабҳои бавуҷудоии он**

Хавфи асосӣ, ки ба фаъолияти Бонк хос аст, хавфи қарзӣ, хавфи ба пардохтпазирӣ алоқаманд, хавфи асъорӣ, хавфи фоизӣ, ҳамчунин хавфи амалиётӣ мебошанд.

Сабаби ба вуҷуд омадани хавф инҳоянд:

- шароити номусоид барои иҷрои вазифа ва ӯдадориҳои контрагентҳо;
- тағйироти номусоиди вазъи бозор;
- ташкили ғайрисамараноки фаъолияти Бонк дар натиҷаи ҳодисаҳои номусоиди берунӣ.

**Хавфи маҷмуӣ**

Хавфи маҷмуӣ дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки якчанд контрагент фаъолияти бо ҳам монандро анҷом медиҳанд, ё фаъолияти онҳо дар як минтақаи ҷуғрофие сурат мегирад, ё контрагентҳо дорои сифатҳои бо ҳам монанди иқтисодӣ мебошанд ва дар натиҷа тағйироти иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар шартҳо ба қобилияти ин контрагентҳо барои иҷрои ӯҳдадориҳои шартномавӣ таъсири яксон мерасонанд. Хавфи маҷмуӣ ҳассосияти фаъолияти Бонкро нисбат ба тағйироте, ки ба соҳаи муайян ё минтақаи муайяни ҷуғрофӣ таъсир мерасонанд, инъикос менамояд.

**Хавфи қарзӣ**

Хавфи қарзӣ - ин хавфи талафоти молиявӣ мебошад, ки дар натиҷаи ӯҳдадории худро иҷро накардани қарзгирандаи Бонк ба вуҷуд меояд. Сиёсат ва тартиботи тасдиқшудаи қарздиҳӣ, ҳамчунин тартиби мониторинги муштариёни Бонк, таъмини гарав ва ғайра, дар баробари таъсиррасонӣ ба вазъияти умумии иқтисодии ҷумҳурӣ ва ба сифати сандуқи қарзии Бонк низ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Кумитаи қарзӣ вазифаи мониторинги фаъоли хавфи қарзии Бонкро ба уҳда дорад.

Бонки миллии Тоҷикистон барои коҳиш додани таъсири хавфи қарзӣ меъёрҳои зеринро муқаррар намудааст:

- хавфи ҳадди ниҳоӣ (максималӣ) барои як қарзгир ё гурӯҳи қарзгирҳои алоқаманд К3-1. Ин меъёр чун таносуби тамоми бақияҳои холиси тавозунии қарзҳо, ки ба як қарзгир ё гурӯҳи қарзгирони алоқаманд бо назардошти 100% талаботи ғайритавозунӣ ба сармояи танзимшавандаи Бонк муайян мешавад. Хавфи қарзии максималӣ ба андозаи 20% сармояи танзимшавандаи бонк муқаррар карда мешавад. Қарзе, ки бештар аз 5% сармояи танзимшавандаи бонкро ташкил медиҳад, қарзи калон ҳисоб мешавад.

- андозаи ҳадди аксари (максималии) хавфи қарзҳои калон К3-2. Ин меъёр чун таносуби қарзҳои калон ба сармояи танзимшавандаи Бонк муайян карда мешавад. Андозаи максималии хавфи қарзҳои калон на бештар аз андозаи 3 маротибаи сармояи танзимшаванда муқаррар гардидааст.

-андозаи максималии қарзҳо, кафолат ва замонат барои ба як шахсони вобастаи Бонк К4-1. Ин меъёр чун таносуби бақияи тавозунии холиси қарзҳо ва талаботҳои ғайритавозунӣ нисбат ба сармояи танзимшавандаи бонк муайян мешавад. Андозаи максималии қарз барои як шахси (ё гурӯҳи шахсони алоқаманди) вобастаи Бонк то 2%-и сармояи танзимшавандаи бонкро ташкил медиҳад.

-хавфи умумии қарзҳо, ки ба шахсони вобастаи Бонк дода шудааст К4–2. Ин меъёр чун таносуби маҷмӯи бақияи қарзи шахсони вобаста нисбат ба сармояи танзимшавандаи Бонк муайян мешавад. Чунин таносуб набояд аз 10% зиёд бошад.

Меъёрҳои хавфи қарзӣ аз рӯи маълумоти Бонк дар ҷадвали зерин оварда шудаанд:

| | | 31 декабри соли 2013 | | 31-уми декабри соли 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Меъёр | Меъёри БМТ | Бонк | Меъёри БМТ | Бонк |
| К3-1 | 20% | 0,00% | 20% | 0.0% |
| К3-2 | 3 маротибаи сармояи танзимшаванда | 0,00 | 3 маротибаи сармояи танзимшаванда | 0.0% |
| К4-1 | 2% | 0,00% | 2% | 0,00% |
| К4-2 | 10% | 0,00% | 10% | 0,00% |

Бонк хавфи қарзиро ба таври инфиродӣ арзёбӣ мекунад, яъне хавфи пардохт накардани қарзи асосӣ ва фоизи қарз аз тарафи қарзгир дар мӯҳлати муқарраршудаи шартнома. Бонк хавфи қарзиро дар асоси маҷмӯи сандуқи қарзӣ, ки ба таври инфиродӣ беарзиш шудаанд, арзёбӣ намекунад.

ФПТИ дар ҳисоботи молиявӣ фақат ҷиҳати зараре, ки то санаи ҳисобот ба сабаби объективӣ расидааст ба асоси нишонаҳои объективии тасдиқкунандаи он, ки беарзишшавӣ баъд аз бақайдгирии аввала рӯй додааст, дар назар гирифта мешавад. Ба сабаби фарқият дар истифодаи усули маблағи талафоти қарзии ҳисобшуда барои ҳисоботи молиявӣ маъмулан камтар аз маблағе ҳаст, ки ба асоси модели талафоти эҳтимолӣ муайян шудааст. Хавфи қарзӣ аз рӯи воситаҳои молиявии ғайритавозунӣ чун эҳтимолияти зарар ба сабаби беқобилиятии иштироккунандаи дигари амалиёт барои иҷро кардани шартҳои қарордод бо ҳамин воситаҳои молиявӣ муайян карда мешавад. Бонк ҳамон сиёсати қарзиеро дар муносибат бо ӯҳдадориҳои шартӣ ба кор мебарад, ки дар амалиёт бо воситаҳои молиявии тавозунии ба тартиботи тасдиқи амалиёт асосёфта, истифодаи лимитҳои маҳдудкунандаи хавф ва мониторинг ба кор мебарад.

**Хавфи қарзии максималӣ**

Дар ҷадвали дигар андозаи максималии хавфи қарзӣ аз рӯи дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳои ғайритавозунии шартӣ оварда шудааст. Барои дороиҳои молиявӣ, ки дар ҳисобҳои тавозунӣ инъикос мешаванд, андозаи максималии хавфи қарзӣ баробар бо арзиши тавозунии ин дороиҳо мебошад. Барои кафолати молиявӣ ва дигар ӯҳдадориҳои шартӣ андозаи хавфи қарзӣ маблағи максималие мебошад, ки Бонкро зарурати пардохти он ҳангоми пеш омадани пардохти зарурӣ оиди кафолат ё дар сурати талаботи қарз дар доираи хатти қарзӣ ба миён меояд.

**Хавфи пардохтпазирӣ ва хавфи фоизӣ**

Хавфи пардохтпазирӣ - ин хавфи ба вуҷуд омадани мушкилот ҳангоми дарёфти маблағ барои баргардонидани амонатҳо ва пардохти ӯҳдадориҳои вобаста ба воситаҳои молиявӣ зимни расидани мӯҳлати ҳақиқии пардохти онҳо мебошад.

Бонки миллии Тоҷикистон меъёрро барои риояи пардохтпазирӣ муқаррар менамояд. Меъёри пардохтпазирии К2–1 чун таносуби пули нақд, маблағ дар суратҳисоби муросилотӣ, дороиҳои пардохтпазири мӯҳлати пардохташон то 30 рӯз нисбат ба амонатҳои дархостшаванда, ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати мӯҳлати пардохташон то 30 рӯз муайян карда мешавад. Меъёри мазкур на камтар аз 30% муқаррар шудааст.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| К2-1 | 30% | 161.87% | 30% | 118.8% |

Дар ҷадвали зерин таҳлили хавфи фоизӣ ва хавфи пардохтпазирии Бонк аз рӯи мӯҳлати пардохт мутобиқи шартномаҳо оварда шудааст, ки дар он гурӯҳҳои дахлдор дар асоси

вақти боқимондаи пардохт дар санаи таҳияи ҳисобот дар бораи вазъияти молиявӣ гуруҳбандӣ шудаанд.

**Хавфи асъорӣ**

Бонк хавфи вобаста ба таъсири тағйирёбии қурби мубодилаи асъорӣ хориҷиро ба вазъияти молиявии худ ва ба гардиши маблағро ба ӯҳдаи худ мегирад. Бонк мониторинги ҳаррӯзаи мавқеи кушодаи асъории худро амалӣ менамояд.

**Таҳлили ҳассосият нисбат ба хавфи асъорӣ**

Дар ҷадвали зерин маълумот дар бораи ҳассосияти Бонк нисбат ба афзоиш ва ё коҳиши қурби доллари ИМА/евро ба 10% нисбат ба сомонӣ оварда шудааст.

Дар таҳлили ҳассосият фақат маблағ бо асъори хориҷии мавҷуд дар охири давраи хисоботи дохил карда шудаанд, ки ҳангоми мубодилаи онҳо дар охири давра қурби тағйирёфтаи 10% ба муқоисаи қурби амалкунанда мавриди истифода қарор мегирад.